**Тақризи**

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи мансури асрҳои XV-XVI)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 -Забони тоҷикӣ.

Таҳқиқи наҳви осори пурғановати давраи классикии забони адабии тоҷик дар замони ҳозираи рушду инкишофи забони ҳозираи тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи раванди инкишофи забони адабии тоҷик дар давраҳои гуногун дар ҳама соҳа- ҳам дар соҳаи луғат, ҳам грамматика ва ҳам услубиёт ба аҳамияти махсус молик аст. Аз ин нигоҳ мавзӯи рисолаи Ғаффоров Абдушукур, ки ба таҳлил ва тасвири хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар осори адибони асрҳои XV- XVI бахшида шудааст, дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, баҳри ошкор сохтану рӯшанӣ андохтан ба хусусиятҳои зиёди робитаи калимаҳо ва муносибати наҳвию тобишҳои маъноии онҳо саҳми бузург хоҳад гузошт. Муаллиф дар ҳаҷми 355 саҳифаи чопи компютерӣ диссертатсияи докторӣ пешниҳод намудааст, ки аз рӯйи фарогирии маводи илмию таҳқиқӣ ва баррасии илмии он ҷавобгӯйи талабот мебошад.

Ба ҳайси асосҳои назариявии кор осори бузургтарин донишмандони русу аврупоӣ ва мутахассисони варзидаи тоҷик қарор гирифта, масоили назариявии масъаларо ба таври комил аз онҳо фаро мегирад. Махсусан, аз саҳифаҳои диссертатсия маълум аст, ки асару мақолаҳои дар солҳои охир ба табърасида аз мадди назари унвонҷӯ дур намондааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки мақом ва мавқеи воситаҳои алоқаи калимаҳо дар омӯзиши вижагиҳои сохтори ибора, махсусан ибораи феълӣ ва инчунин ҷумла бузург аст. Танҳо дақиқ муайян кардани табиату хусусияти алоқаи калимаҳо имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои мухталифи ибораи феълӣ аниқу равшан таҳқиқ шаванд.

Дар рисола дар бунёди маводи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI-«Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, "Футувватномаи султонӣ –и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Тухфаи Соми»-и Соммирзои Сафавӣ, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ, "Чаҳор гулзор"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ чунин вазифаҳои мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: а) -таҳқиқи масъалаҳои назариявии марбут ба хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи насри асрҳои XV-XVI; б) таҳқиқи ибора дар осори донишмандони асрҳои миёна; в) муқаррар кардани вазифаву хусусиятҳои воситаҳои асосии наҳвӣ; г) таҳлилу тасвири гурӯҳҳои луғавию грамматикии калимаҳои алоқаманд; г) ошкор намудани муносибат ва тобишҳои наҳвии вожаҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ; д) муқаррар кардани дараҷаи истеъмол ва басомади пешояндҳо дар ташаккули ибораҳои феълӣ; е) баррасии маъноии ибораҳои феълӣ; ё) ба тариқи муқоиса нишон додани хел ва воситаҳои алоқа дар таркиби ибораҳои феълии насри давраи таҳқиқшаванда ва забони адабии муосири тоҷик .

Боз он чиз ҷолиб аст, ки муаллиф ҳангоми таҳлили маводи сарчашмаҳои давраи мавриди назар, инчунин ба сарчашмаҳои хаттии давраҳои гуногун, аз ҷумла "Таърихи Байҳақӣ" –и Абулфазли Байҳақӣ (асри XI), "Гулистон"-и Саъдӣ (асри XIII), "Нузҳату-л-арвоҳ"-и Мир Ҳусайни Ҳиравӣ (асри XIV) низ ҷиҳати муқоиса таваҷҷуҳ намудааст, ки он қимати асарро боз дучанд гардонидааст.

Рисола аз муқаддима, чор боб, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ иборат аст. Дар муқаддима мақсаду маром, вазифа, усули методи таҳқиқ, аҳамияти мавзӯъ, зарурати илмӣ ва амалии он, таҳлили адабиёти илмӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар ҳар боб фикру андешаҳои тозае ба чашм мерасад. Муаллиф тамоми маводи ибораҳои феълии давраи мавриди назарро бо пешояндҳои аслию номӣ ва номии таркибӣ аз назари таҳқиқ гузаронида, ҳамзамон бо ҳар як пешоянд

басомади онҳоро таъйин кардааст. Дар рисола ҳамаи гурӯҳҳои луғавию семантикии ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеъ ҳаматарафа муқаррар гардидааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ибораҳои феълии осори хаттии асрҳои XV-XV1 вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳояшон, чунонки дар забони адабии муосири тоҷик мушоҳида мешавад ба ғайри муносибатҳои асосии наҳвӣ боз тобишҳои мухталифи маъноиро ифода менамоянд. Боз он чиз чиз ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф маводи осори давраи мавриди назарро бо маводи ҳамгуни забони адабии муосири тоҷик ба тариқи муқоиса омӯхта, хулосаву натиҷаҳои муфид мебардорад, ки аҳамияти илмиву амалӣ доранд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бо истифода аз забони осори насри бадеии классикӣ таъини комилан дурусти робитаи калимаҳо дар ибора ва муносибатҳои наҳвии онҳо муайян мегардад. Дар баробари ин, баррасии хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ ва муайян сохтани воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои ибораҳо дар таъини ғановати сарчашмаҳои хаттии насри асрҳои XV- XV1 ва рушди забони адабии тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Аҳамияти амалии диссертаттсия дар он зоҳир мегардад, ки маводи кор барои таълими фанҳои забоншиносӣ аз қабили наҳвшиносӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи воситаҳои таълимӣ, фарҳангҳои тафсирӣ ва ғайра метавонад истифода шавад.

Дар диссертатсия таърихи ташаккули ибораҳои феълӣ, рушду нумӯи воситаҳои алоқаи байни ҳиссаҳои таркиби ибораҳои феълӣ, хусусиятҳои услубии ибораҳои мазкур бо ибораҳои феълии забони ҳозираи тоҷикӣ муқоиса шуда, чандомади пешоянду пасояндҳо ба ҳайси воситаҳои алоқа таҳқиқи илмӣ шудааст. Робитаи ибораи синтаксисиву ибораи фразеологӣ ва дараҷаи истеъмоли онҳо дар насри классикии асрҳои XV- XV1 аз корҳои муҳимест, ки унвонҷӯ дар ҳалли онҳо кӯшидааст.

Дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор

гирифтааст. Дар асар масъалаи назариявии ибора дар забоншиносии умумӣ, махсусан мактабҳои Ғарб, рус, забоншиносии тоҷик батафсил таҳқиқ шудааст. Дар ин боб таҳқиқи ибора дар осори асрҳои миёна низ аз назари муаллифи рисола дур намондааст. Бояд тазаккур дод, ки андешаҳои муҳаққиқони ин давра (асрҳои XV-XVI) роҷеъ ба ибора муфид буда, он баҳри муайян кардани хусусиятҳои зиёди робитаи калимаҳо ва алоқаи муносибати наҳвии онҳо саҳми бузург хоҳад гузошт. Ин боб, аз рӯйи андешаи мо, дар омӯхтани мавзӯи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони адабии тоҷик арзиши муайяни илмиву амалӣ дорад.

Боби дуюми рисола ибораҳои феълӣ бо алоқаи пешояндиро дар бар гирифта, аз шаш қисм иборат аст: а) ибораҳои феълӣ бо пешоянди **ба**; б) ибораҳои феълӣ бо пешоянди **дар**; в) ибораҳои феълӣ бо пешоянди **аз**; г) ибораҳои феълӣ бо пешоянди **бар**; ғ) ибораҳои феълӣ бо пешоянди **бо**; д) ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои **барои /аз барои/, то /то ба, аз..то, аз…то ба/**, **бе**, **ҷуз** (**ҷуз аз, ҷуз ба, ҷуз ба**). Чунонки муаллиф қайд мекунад, ибораҳои феълии гурӯҳи охир камшумору камистеъмоланд. Аммо ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои **ба, дар, аз, бар, бо** серистеъмол буда, аз рӯйи вазифаҳои грамматикӣ ва вижагиҳои маъно баррасӣ шудаанд. Бояд хотиррасон кард, ки таъин кардани тобишҳои гуногуни муносибатҳои наҳвии ибораҳои феълӣ кори саҳл нест. Аммо муаллиф ин амалро қариб бе душворие ба ҷо овардааст.

Боби сеюми рисоларо ибораҳои феълие созмон додаанд, ки тавассути пешояндҳои номӣ ва пасоянд ташаккул ёфтаанд. Ҳангоми таҳлили ин гурӯҳи ибораҳо муаллиф ба хулосае меояд, ки баробари пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои номӣ ва номии таркибӣ ва пасояндҳо низ дар ташаккул додани ибораҳои феълӣ нақши намоён доранд. Дар диссертатсия алоқаи калимаҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ, номии таркибӣ, пасоянд дар чаҳорчубаи ибора таҳлилу тасвир шудааст.

Муаллиф роҷеъ ба алоқаи пешояндиву пасояндӣ сухан ронда, қайд мекунад, ки бо ду воситаи грамматикӣ робита пайдо кардани вожаҳо дар забони тоҷикӣ рӯйдоди тоза ба шумор намеравад. Дар забони адабии тоҷик, махсусан осори хаттии асрҳои XV-XVI ин навъи воситаи алоқа бар асари омилҳои дохилӣ ва берунӣ афзудааст, ки андешаи муаллиф дар ин ҷода қобили дастгирист.

Дар алоқаи пасояндии ибораҳои феълии асар, асосан пасоянди **-ро** ва **боз** таҳлил гардидааст. Муаллиф тамоми ибораҳои пешояндиву пасояндӣ ва омехтаро аз бобати сохтору маъно ба таври амиқ таҳлил карда, махсусан ба ошкор кардани муносибатҳои наҳвии онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар рисола ибораҳои синтаксисӣ бо ҳар як пешоянду пасоянд алоҳида таҳлил шуда, муносибатҳои синтаксисӣ бо тобишҳои гуногуни маъно вобаста ба маънои луғавию грамматикии ҷузъҳо хеле барҷаста баён гардидааст.

Дар рисола инчунин роҷеъ ба ибораҳои феълие, ки тавассути алоқаи ҳамроҳӣ сурат гирифтаанд, маълумоти муфассал дода шудааст. Муаллиф аз натиҷаи таҳқиқ ба хулосае меояд, ки дар ташаккули ин гурӯҳи ибораҳо мақоми зарф ва исм ба сифати ҷузъи тобеъ хеле калон аст. Доираи истифодаи ин гурӯҳи ибораҳо дар насри давраи таҳқиқ нисбатан хеле васеъ аст.

Дар боби чоруми диссертатсия баррасии вижагиҳои маъноии ибораҳои феълӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Чунонки муаллифи диссертатсия қайд мекунад, таҳқиқи ибораҳои феълӣ ба назар гирифтани ҷиҳати маъноии ҷузъҳои онро низ талаб мекунад, чунки ибораҳои феълӣ аломати ашёҳо, ҳодисаҳо, раванди воқеаҳои реалӣ, муҳити атрофи моро инъикос мекунанд. Маънои луғавии калимаҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ омили муҳими пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ маҳсуб меёбад.Дар рафти таҳлили ибораҳои феълӣ бештар ба феълҳои ифодакунандаи ҳаракат, амал, ҳолату вазъият диққати ҷиддӣ зоҳир шудааст.

Умуман, халли таҳкики масъалаҳои назариявӣ ва ташаккули ибораҳои феълӣ, ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ, ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ, хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар насри классикии асрҳои XV-XV1 масъалаҳое мебошанд, ки дар чор боби рисола мавриди баррасии илмӣ карор гирифтаанд.

Таҳлилҳои муаллиф дар саросари диссертатсия илмӣ буда, хулосаҳои мантикӣ зиннатбахши бобҳои кор мебошад. Бояд гуфт, ки диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар омӯхтани таърихи ибораҳои феълӣ ва умуман, дар таҳкики яке аз матолиби проблемаи ибора на факат дар забоншиносии тоҷик, ҳамчунин дар забоншиносии умумӣ сухани тоза ва маводи муфиде ба шумор меравад. Маводи чопкардаи муаллиф пурра ба мавзӯъ мувофик аст ва мухтавои корро фаро мегирад.

Диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевичро дар мавзӯи "Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи мансури асрҳои XV-XVI)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 -Забони тоҷикӣ кори анҷомёфта мешуморам ва барои муҳокима ва дифоъ тавсия медиҳам.

Мушовири илмӣ: -доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ Раҳматулозода С. Р.

**Имзои** С. Р. Раҳматулозодаро тасдик мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Д.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС